# Меҳнат - шараф аст!

Оре, ҳар як инсон бояд дар зиндагӣ ҳамеша бар он ҷаҳд намояд, ки соҳибақлу соҳибхирад ба воя бирасад. Байни дӯстону наздикон обрӯю эътибор ва манзалату қиммат дошта бошад. Муҳити иҳотакарда ӯро пазируфта, эхтиромашро ба ҷо оранд. Лекин ин нишонаҳои бузург барои инсон ба осонӣ муяссар намешаванд. Барои ба даст овардани обрӯ машаққати зиёд лозим меояд. Барои соҳибкасб гаштан бисёр мебояд омӯхт. Барои ифтихорманд гаштан худ бояд кони ақлу заковат ва мардонагиву далерӣ буд. Соҳибақл бояд буд, то пешаи дурустеро интихоб намуда, тавассути меҳнати ҳалол обрӯ пойдор кард. Шахсияти баркамол ва озодфикр ҳанӯз аз овони хурдӣ дар худ фикри интихоби пешаи асосиро мепарварад. Ин ақидаи бузург ҳар инсонро аз аввал бояд дар дилаш бедор гардад. Зеро равшании ҳар як рӯз аз оғози саҳари он маълум мегардад. Интихоби касб низ пешаи худододист, ки табиатан дар дили кас пайдо мегардад.

Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Тоҷикистон ягона ташкилотест, ки барои пешгӯии вазъи обу ҳаво, мушоҳидаҳои обуҳавосанҷӣ, ифлосшавии муҳити зист, тағйирёбии иқлим, расондани иттилооти фаврӣ нисбати обу ҳаво махсус гардонда шудааст. Боиси зикр аст, ки дар ин самти муҳими ҳифзи муҳити зист мутахасисони варзидаи соҳаи обуҳавошиносӣ тӯли солҳои зиёд кору фаъолияти пурсамар менамоянд ва яке аз онҳо Гулзорхонов Соатназар Мамадносирович мебошад.

Гулзорхонов Соатназар Мамадносирович 65-сола буда, 26 сол боз сардори стансияи обуҳавосанҷии Савнобро ба дӯш дорад. Ӯ зодаи водии Бартанги ҷамоати Савноби ноҳияи Рӯшон аст. Соли 1978 пас аз хатми мактаби миёна як сол дар шаҳри Душанбе дар Омӯзишгоҳи № 5 таҳсил намуда, омӯзишгоҳро бо ихтисоси «техник-метеоролог» хатм намудааст. Сипас соли 1979 фаъолияти кориашро ба ҳайси «техник-обшинос» дар дидбонгоҳи обченкунии Сиёма-Игизак, воқеъ дар ноҳияи Варзоб оғоз намудааст. Баъди соли 1980 дар стансияи обуҳавосанҷии Ирхт ба ҳайси техник-метролог адои вазифа намудааст. Соли 1995 дар стансияи обуҳавосанҷии Савноб аввал дар вазифаи техник-метеоролог ва аз соли 1997 то инҷониб ба ҳайси сардори стансияи ҳавосанҷии Савноб кор ва фаъолият менамояд. Гулзорхонов ба ғайр аз мутахассиси варзидаи соҳа будан, шахси самимӣ, хоксор ва хушмуомила буда, дар кори худ хеле ҷиддӣ мебошад. Барои гирифтани маълумоти зарурӣ новобаста аз сардиву саромо ва дар фаслҳои зимистону баҳор хатарнок будани минтақаҳои кӯҳӣ, ҳамарӯза

масофаи 3км роҳро аз макони зисташ то стансияи обуҳавосанҷӣ пиёда тай намуда, ҳатто гар чанде солаш ба синни ниҳоии нафақа расида бошад ҳам, ягон рӯз истироҳат надорад. Пайваста барои кори стансияи обуҳавосанҷӣ бо як меҳру муҳаббати хоса мекӯшад, ки то дар ҷустуҷӯй ва эҷоди кору пайкори нав бошад.

Илова бар ин номбурда дар тӯли фаъолияти корияш кадрҳои ҷавонро ба ин роҳи пуршараф тарбия намуда, саҳми назарраси худро дар соҳаи обуҳавошиносӣ мегузорад.

Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,
Меҳри онро дар дилаш андохтанд.

Интихоби касб бояд дар кас бо як фикри дурандешонаву ҷиддӣ ва таҳаммулпазирӣ пайдо гардад, зеро барои омӯхтану соҳибкасб гаштан машаққатҳои зиёд пеш меоянд. Барои омӯхтани касб ҳамаи он машаққату азиятҳоро аз сар гузаронидан лозим аст. Шахсони сабуксору бетааммул наметавонанд соҳибкасб гарданд. Ин аст, ки дар ҳаёт на ҳар кас соҳибкасб буда метавонад. Аммо шахсияти пурбардор ва барнодил ба ҳеҷ гуна душворӣ нигоҳ накарда, ҳунар меомӯзад ва пешаи худро интихоб карда, ҳар лаҳзаи ҳаёташро баҳри касби пуршарафи худ дареғ надошта меҳнат мекунад. Агар кас пешаи дуруст интихоб карда меҳнат намояд, пас ӯ ҳамеша ҳама гуна дарду ранҷро низ аз сари худ дур карда метавонад. Илова бар ин пешаи дурусту пурмаҳсул ва ҳунари воло чун давлати поянда ва чашмаи афзоянда ба кас танҳо ва танҳо давлат, хушбахтӣ ва ободиву нур меорад. Албатта, ҳунарвар ва соҳибкасб ҳамеша соҳибиззат аст, зеро заҳмати бепоёнаш ҳамеша ба хонадонаш сарбаландӣ меорад. Сарбаландии ҳар як шахс аз натиҷаи меҳнату машаққати худи уст. Ифтихори ҳар як соҳибкасб мояи ранҷи пурмахсули ӯст, ки осон ба даст наомада. Баҳри ҳар як ободӣ ва бурдбории зиёд меҳнати ҳалол мебояд.

Бе дарду ранҷ ганҷ муяссар намешавад. Хулоса, умр барои инсон танҳо як бор муяссар мегардад. Танҳо илм омӯхту амали бузург намуд. Инсон бояд пешаи дуруст интихоб кунаду, ифтихор пайдо намояд, то умри азизро ройгон тай накунад.

***Расмҳо аз рафти фаъолияти кории Гулзорхонов Соатназар Мамадносирович:***






5.11

# Труд — это честь!

Каждый человек должен стремиться стать образованным и настоящим профессионалом в своем деле, имея репутацию и авторитет среди своих друзей и родственников, чтоб окружающая среда принимала его и уважала. Но, нелегко достичь всеобщего признания без усердного трудолюбия в выбранном правильном пути. Зрелая и свободомыслящая личность с ранних лет культивирует идею главного выбора и должна пробуждаться в сердце каждого человека с самого начала и в дальнейшем проявится очень ярко. Правильный выбор профессии – это тоже особый дар, который естественным образом чувствуется в сердце.

Агентство по гидрометеорологии Комитета охраны окружающей среды при Правительстве Таджикистана является организацией, которая специализируется на прогнозировании погоды, гидрометеорологических наблюдениях, загрязнении окружающей среды, изменении климата и предоставлении оперативной информации о предстоящей погоде. Стоит особо отметить, что эффективной работе опытных специалистов в области гидрометеорологии уже много лет, и одним из которых является с многолетним трудовым стажем начальник гидрометеорологической станции «Савноб» в ГБАО Гулзорханов Соатназар Мамадносирович.

Гулзорханову Соатназару Мамадносировичу 64 года, он уже 25 лет является начальником гидрометеорологической станции «Савноб». Гулзорханов – уроженец долины Бартанга джамоат Савноб Рушанского района. В 1978 г после окончания средней школы, проучился год в г. Душанбе в училище № 5 по специальности «техник-метеоролог». Начал трудовую деятельность «техником-гидротехником» на гидропосте Сёма-Игизак, расположенной в Варзобском районе в 1979г. Позже в 1980 г работал техником-метрологом на метеостанции Ирхт, в 1995 г сначала работал техником-метеорологом на Савнобской гидрометеостанции, а с 1997 г начальником Савнобской гидрометеорологической станции. Гулзорханов Соатназар на всем протяжении своей трудовой деятельности, как специалист в своей области, проявил себя искренним, скромным и вежливым человеком, относясь к своей работе очень серьезно. Он каждый день проходит пешком 3 км от места жительства до гидрометеорологической станции, чтобы получить необходимую информацию, несмотря на любую погоду, холод и жару и на опасный характер горных районов в зимний и весенний период. Даже при достижении своего окончательного пенсионного возраста несколько лет назад, работает без выходных дней. Он постоянно особой любовью в поисках новых идей для служебной работы гидрометеорологической станции.

**Кроме того**, Гулзорханов Соатназар обучил молодежь почетному трудовому пути и внес значительный вклад в область гидрометеорологии.

Выбор профессии должен исходить от человека с дальновидным, серьезным представлением и толерантностью, ведь много сложностей, чтобы научиться и стать квалифицированным. Чтобы освоить профессию, надо пройти через все эти тяготы и страдания. Не всем удается стать специалистом

высокой квалификации. Однако сильная и свободолюбивая личность, невзирая ни на какие трудности, учится искусству выбирать свое будущее, и упорно продолжает честно трудится в течении жизни, в соответствии своей профессии. Если человек выбрал правильный путь в выборе профессии и усердно производительно трудится, то он всегда спокоен психологически, неся удовольствие и благополучие в жизни, даже, нередко, вызывая гордость своим близким. Цена всего процветания и великой выносливости — это честный профессиональный труд.

Таким высоко квалифицированным специалистом и учителем молодого поколения в своей профессии в области гидрометеорологии является уважаемый Гулзорханов Соатназар Мамадносирович, не напрасно, отдавший всю свою драгоценную жизнь выбранной профессии.

**Фотографии Гулзорханова Соатназара Мамадносировича с рабочего места:**







## Labor - is an honor!

Every person should strive to become educated and a true professional in his field, having a reputation and authority among his friends and relatives, so that the environment will accept and respect him. But, it is not easy to achieve universal recognition without hard work in the right path chosen. A mature and free-thinking personality from an early age cultivates the idea of a major choice and should awaken in the heart of each person from the very beginning and will later manifest itself very brightly. The right choice of profession is also a special gift that is naturally felt in the heart.

The Agency on Hydrometeorology of the Committee on Environmental Protection under the Government of Tajikistan is an organization that specializes in weather forecasting, hydrometeorological observations, environmental pollution, climate change and providing operational information about the upcoming weather. It is worth noting that the effective work of experienced specialists in the field of hydrometeorology for many years, and one of them is the head of the hydrometeorological station "Savnob" in GBAO Gulzorkhanov Soatnazar Mamadnosirovich with many years of experience.

Gulzorkhanov Soatnazar Mamadnosirovich is 64 years old and has been the head of the hydrometeorological station "Savnob" for 25 years. Gulzorkhanov is a native of Bartanga valley in Savnob jamoat of Rushan district. In 1978, after graduating from high school, he studied for a year in Dushanbe in specialized school №5, specialty "technician meteorologist". Began his career as a "technician-hydro-technician" at the gauging station of Sema-Igizak, located in Varzob district in 1979. Later in 1980 worked as a technician-meteorologist at the weather station Irkht, in 1995 first worked as a technician-meteorologist at Savnob hydrometeorological station, and since 1997 - as the head of the Savnob hydrometeorological station. Gulzorkhanov Soatnazar throughout his career, as a specialist in his field, proved to be a sincere, humble and polite man, referring to his work very seriously. He walks 3 km every day from his place of residence to the hydrometeorological station in order to obtain the necessary information, despite all weather, cold and heat and the dangerous nature of the mountainous areas in winter and spring. Even when he reached his final retirement age a few years ago, he works without days off. He is constantly on the lookout for new ideas for the service work of the hydrometeorological station.

**In addition**, Gulzorkhanov Soatnazar taught young people the honorable way of labor and made a significant contribution to the field of hydrometeorology.

The choice of profession should come from a person with a visionary, serious vision and tolerance, because a lot of difficulties to learn and become qualified. One must go through all these hardships and sufferings to master the profession. Not everyone succeeds in becoming highly qualified. However, a strong and freedom-loving person, in spite of any difficulties, learns the art of choosing his future, and persistently continues to work honestly during his life, in accordance with his profession. If one has chosen the right path in choosing a profession and works diligently and productively, one is always at peace psychologically, bringing

pleasure and prosperity to life, even, often, causing pride to one's loved ones. The price of all prosperity and great endurance is honest professional work.

Such a highly qualified specialist and teacher of the young generation in his profession in the field of hydrometeorology is the esteemed Gulzorkhanov Soatnazar Mamadnosirovich, not in vain, who gave his whole precious life to his chosen profession.

**Photos of Gulzorkhanov Soatnazar Mamadnosirovich from his workplace:**





